«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
диектори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика дотсент
_____________ Наҷмиддиниён А.М.
«29» январи соли 2025

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдуллозода Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии докторнати Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)

Таҳқиқоти диссертатсионии докторнати шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст.

Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло 23.02.1993 дар ноҳияи Тавилдара дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2015 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро хатм намуда, аз соли 2016 ба ҳайси мутахассис дар МД “МҶТИК”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор

шуруъ мекунад. Аз соли 2018 то соли 2022 дар МД “МҶМТИ”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шуъба ва аз соли 2022 то ҳол дар вазифаи муовини декан дар Донишгоҳи технологии Тоҷкистон фаъолият дорад.

Абдуллозода Н.С аз 01.09.2017 докторанти шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мебошад.

Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолзода САйфиддин ба анҷом расонидааст.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, хулосаи роҳбари илмии докторант, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолзода Сайфиддин ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло ба шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” мубрам ва дархури тақозои замони муосир буда, дар он ба мазмун ва мақсади шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ шудааст.

3. Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф асосҳои назариявӣ, коркарди педагогӣ ва натиҷаҳои он, амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки метавонанд ҳангоми таълими фанҳои технологияи компютерӣ, курсҳои махсуси компютерии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Маводи илмӣ - методии таҳқиқотро ҳангоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва тайёрии касбӣ - методии омӯзгори ояндаи технологияи компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан имконпазир аст.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқот, навгонии диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст, аз ҷумла:

- омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар шароити ташаккули касбият муайян кардааст;

- роҳҳои такмили методҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву коммуникативии хонандагон пешниҳод кардааст;

- сохтор ва тарҳи ташаккули салоҳиятҳо, ки ба банақшагирӣ ва идоракунии раванди таълим мусоидат менамоянд, мувофиқ кардааст;

- ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар раванди таълим асоснок кардааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок кардааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашриёҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-М] Абдуллозода Н. Салоҳияти коммуникативӣ - заминаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №4 , 2019.- С. 100-104.

[2-М] Абдуллозода Н. Технологияҳои иттилоотӣ - воситаи асосии ташаккули салоҳияти хонандагон./Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика, №1 , 2020.- С. 157-160.

[3-М] Абдуллозода Н. Ташаккули салоҳияти иттилоотии хонандагон дар раванди таълим /Н. Абдуллозода // [Матн] - Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши педагогика, №2 , 2020.- С. 104-108.

[4-М] Абдуллозода Н. Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои асосии хонандагон /Н. Абдуллозода // [Матн] - Номаи донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ , №3 (64) , 2020.- С. 152-156.

[5-М.] Абдуллозода Н. Шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилооти комуникатсиони дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Н. Абдуллозода // [Матн] // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илми амалӣ “Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб” – Хуҷанд, 2023 – С. 180-185.

[6-М] Абдуллозода Н. Дарсҳои видеои аз фанни ТИ, барои синфҳои 6-8. - Душанбе, 2023 – 3 фита.

[7-М] Абдуллозода Н. Воситаҳои асосии коркарди иттилоотӣ ададӣ дар ҷараёни дарсҳои технологияи иттилоотӣ /Н. Абдуллозода // [Матн] Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илми амалӣ дар мавзуи “Омӯзгор-проблемаҳои таҳсилоти муосир” ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – Душанбе, 29 сентябри соли 2023 – 161-166.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и шаҳри Душанбе ва №1-и ноҳияи Сангвор гузаронида шуда, дар он 250 нафар хонандагони синфҳои болоӣ ба корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷалб карда шуданд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии истифодаи роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи

Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиб шудааанд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мазкур масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ кардааст, оид ба мазуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

- ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим асоснок карда шудаанд;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- роҳҳо ва усулҳои татбиқи асосҳои ташаккули салоҳияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, ки ба ташаккули самараноки салоҳияти хонандагон мусоидат мекунанд, ба таври маҷмуӣ таҳия карда шудаанд;

- муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ асоснок шуда, бо озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар ин замина хулоса ва тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии асосоии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки мушкилоти ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Тарҳи маҷмуии раванди таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ коркард ва асоснок карда шудааст. Илова бар ин, асосҳои илмиву методӣ ва дидактикии тайёрнамоии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷиҳати истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар фаъолияти ояндаи онҳо васеъ гардонида шудааст.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои рушди салоҳият ва салоҳиятнокиии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, инчунин, дар муасисаҳои таълимӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар кор тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва маводҳои ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилилот дар ин самт коркард шудаанд, ки метавон онҳоро дар раванди таълим ва низоми таҳсилоти умумӣ истифода кард.

Ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло, хулосаи роҳбари илмии унвойҷӯй, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолзода Сайфиддин ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи докторанти шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо

истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" барои ҳимояи такрорӣ ба шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бозиигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, протоколи №01/02 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд,: 12 нафар, аз он ҷумла 2 нафар аз муассисае,ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 12 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ,
технологияи иттилоотӣ ва бозиигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ-и Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, д.и.ф.-м. Ҷӯразода Х.Ш.

Котиби ҷаласа, Пулотова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. А. Адҳамов 11/2
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои Ҷӯразода Х.Ш. ва Пулотова Г.-ро тасдиқ менамоям:*
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ШУЪБАИ КАДРҲО Х. Ҳакимова